## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович дар мавзуи «Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович 26 сентябри соли 1996 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2014 ба Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) дохил шуда, соли 2018 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро аз рӯйи ихисоси «Андоз ва андозбандӣ» бомуваффақият хатм намудааст. Баъд аз хатми донишгоҳ ба шуъбаи магистратура дохил шуда, соли 2020 муассисаи номбурдаро аз рӯйи ихисоси «Молия ва қарз» хатм кардааст. Солҳои 2020-2023 ба сифати доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳсил намуда, дар ин давра рисолаи илмии худро дар мавзуи «Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» таҳқиқ намуда ба анҷом расонид.

Ҳамзамон У. Ҳусейнов фаъолияти меҳнатии худро аз соли 2018 ҳамчун ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳрии Душанбе оғоз намуда, айни ҳол асисстенти кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин муҳлат докторант ба таҳқиқоти илмӣ машғул гардида, дар конфронсҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар машваратҳои илмӣ фаъолона ширкат варзидааст.

Дар давраи таҳқиқот Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович имтиҳони комплексиро бомуваффақият супорида, ҳамзамон 15 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Ҳусейнов Умарҷон ҳангоми иҷрои кори илмии худ, дараҷаи баланди мустақилиятро дар ҷамъоварии маълумотҳо, омӯзиш ва интихоби

асарҳои илмии таҳқиқотчиёне, ки ҷанбаҳои назарявии кори мазкурро таҳқиқи намудаанд, нишон додааст.

Мубрамияти мавзуи интихобгардидаи таҳқиқоти диссертатсионии Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович аз он бар меояд, ки масъалаҳои муҳимми такмили низоми андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар чорчӯбаи талаботҳои муосир ва раванди ислоҳотҳои иқтисодии кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифта шудаанд.

Кори диссертатсинонии Ҳусейнов У.С. аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** муҳиммияти мавзуи диссертатсия асоснок шуда, дараҷаи омӯхта шудани масъалаҳои гузошташуда, ҳадаф ва вазифаҳо, навоварии илмӣ ва аҳаммияти амалии таҳқиқот муайян карда шуда, объект ва усули таҳқиқот нишон дода шудаанд.

**Дар боби якум - «Асосҳои андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ»** ҷанбаҳои назариявӣ-методии андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ, хусусиятҳои низоми андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи байналмилалии андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ ва имкониятҳои истифодабарии он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Дар боби дуюм - «Таҳлили вазъи иқтисодии субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар доираи истифодабарии низомҳои махсуси андозбандӣ»** вазъи дигаргуншавии рушди субъектҳои фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили ҳолати иқтисодӣ-молиявии корхонаҳои хурди истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзёбии таъсири андозбандӣ ба нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ мариди таҳлил қарор дода шудааст.

**Дар боби сеюм - «Самтҳои асосии такмили андозбандии фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ»** асоснoккунии самтҳои такмили низоми андозбандии фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ, низоми андозбандии амалкунанда дар фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ, мушкилот, дурнамо ва самтҳои такмили низоми андозбандии фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ нишон дода шудааст.

**Дар хулоса** натиҷаҳо ҷамъбаст гардида, тавсия ва пешниҳодҳои мушаххас барои ҳалли муаммоҳои дар диссертатсия баррасигашта оварда шудаанд.

Дар ин раванд, Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович маҷмуи хеле зиёди маълумоти омориро доир ба соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ ва коркард кардааст. Ин имконият дод, ки муаллиф таҳқиқоти илмии ба таҳлил такядоштаро анҷом намуда, рисолаи диссертатсиониро барои ҳимоя пешниҳод намояд.

Ҳусейнов Умарҷон ба эроду тавсияҳо нисбати сохтору мундариҷа ва мухтавои рисолаи номзадиаш бодиққат буд, кушиши амиқтар дида баромадани мавзуи таҳқиқотро таъмин менамуд. Аз ин ҷост, ки докторант PhD тавонистааст дар гузориш ва натиҷагирӣ аз мақсад, вазифа ва унсурҳои навгонии илмии худ муваффақ шавад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда аз ҷиҳати мантиқӣ анҷомёфта буда, дорои коркардҳои нав доир ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ мебошад.

Диссертатсияи Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович дар мавзуи «Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикстон номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдуалимзода Ҳ. А.

Имзои Абдуалимзода Ҳ.А.-ро тасдиқ мекунам.

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон** Шарипов У. А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

«25» «08» 2023 с.